# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Муҳити таълимиву тарбиявии донишгоҳи олӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён мусоидат карда, кори ҳадафмандона дар ин самт самарабахшии онро афзун мегардонад ва барои илму амалияи педагогӣ аҳамияти махсусро касб мекунад. Таваҷҷӯҳ ба рушди гармоникии шахсиятии ҳар фард ва омодасозӣ ба ҳаёти зудтағйирёбанда дар шароити тараққии босуръати техника, илм ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият масъалаи ташаккули қобилияти эҷодиро ба мадди аввал мебарорад. Масъалаи тарбияи қобилият бошад дар илмҳои педагогикаю психология чун яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад.

Оид ба масъалаи мазкур дар диссертатсия аз тарафи Ӯзбекова М.А. қайд гардидааст, ки бо мурури омӯзиши илмӣ муайян карда шуд, ки бо раванди офариниш пайдо шудани маҳсули принсипан нав марбут аст, ки он пеш аз ин вуҷуд надошт; эҷодиёт вакте ки арзишҳои нави моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ зоҳир мегардад. Тавре ки мебинем, фаъолияти дизайнерӣ ташкилаи хеле мураккаб ва мутақобилаи алоқаманд аст, ки ба он қариб ҳамаи сифатҳои шахсият, аз ҷумла қобилиятҳо ворид шудаанд. Зимнан, ҷузъҳои ба он дохилшаванда дар алоқаи мутақобила ва дигаргуншавии доимӣ қарор доранд, махсусан агар он ба дигаргунсозии эҷодии маҳсули моддӣ ё маънавӣ аз ҷониби инсон нигаронида шуда бошад.

“Тарҳрезии либос” - маҳорати дизайнерӣ, ҳамчунин дониши асосҳои назариявии нақшакашӣ, тарҳрезӣ ва ҳаҷмҳои антропологиро барои либос тақозо мекунад. Аз ҳамин сабаб курси мазкури барнома чун фанни таълимие баррасӣ гардидааст, ки он бояд дизайнериояндаро аз лиҳози маънавӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ бой кунад.

Мисли ҳамаи фаъолиятҳои эҷодӣ фаъолияти тарҳрезии либос ҳалли масъалаҳои пайдарпай мебошад. Зимнан, ин вазифаҳо бояд ҷиддан пай дар пай бошанд, ва аз рӯи ҳамин тартиб ҳалли худро ёбанд.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, он аз муқаддима, 2 боб, ки ҳар боб иборат аз 3 фасл, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаро дар бар гирифта, диссертант Ӯзбекова М.А. дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, масъалаи таҳқиқот, инчунин асоси методологӣ ва усулҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро зикр намудааст.

Дар боби аввал, ки "Асосҳои назариявии ташаккули қобилияти эҷодӣ" унвон гирифта, масъалаҳои вазъи омӯзиши муаммои мавриди назар дар адабиёт ва сарчашмаҳои илмиву педагогӣ, тавсифи мафҳумҳои қобилият, эҷодиёт, қобилияти эҷодиро дар бар гирифта, дар он таърихи пайдоиши эҷодиёт дар асарҳои мутафаккирони ҷаҳонӣ, омилҳои психолого-педагогӣ ташаккули қобилияти эҷодии шахсият ва имкониятҳои фанни "Тарҳрезии либос" барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён пурра ва ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст.

Дар масъалаи ташаккул додани қобилияти эҷодии донишҷӯён Ӯзбекова М.А. қайд менамояд, ки эҷод – раванди фаъолиятест, ки маводи сифатан нав ва арзишҳои маънавиро меофарад ё натиҷаи бунёди чизи аз лиҳози объективӣ нав мебошад. Меъёри асосие, ки эҷодро аз тайёр кардан (истеҳсол) имтиёз мебахшад – беҳамто будани натиҷаи он аст. Натиҷаи эҷод бевосита аз шароити ибтидоӣ барнамеояд. Ба иборати дигар, дар олами муосир фаъолияти муваффақонаи омӯзишиву касбиро бидуни унсури эҷод тасаввур кардан ғайриимкон аст. Қобилияти эҷодӣ бошад, чун вижагиҳои инфиродии сифатҳои инсон муайян карда мешавад, ки онҳо муваффақии иҷрои фаъолияти эҷодии гуногунро аз ҷониби донишҷӯён муайян месозад.

Баъди таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ аз тарафи диссертант Ӯзбекова М.А. ба хулосае омада, қайд кардааст, ки донишҷӯи эҷодӣ фикркунанда қобил аст вазифаҳои дар назди ӯ гузоштаро тезтар ва босарфа ҳал кунад, монеаҳоро самарабахштар рафъ намояд, мақсадҳои навро низ самарабахш муайян кунад, яъне дар ниҳояти кор фаъолияти худро ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки омӯзгор дар назди ӯ гузоштааст, аз ҳама самарабахш ташкил кунад. Қобилияти эҷодӣ имкониятҳои донишҷӯён мебошанд, ки дар маҳорати иҷро кардани амалиёти дорои хусусияти эҷодӣ зоҳир ва дар маҳсулоти мушаххаси фаъолияти дизайнерӣ татбиқ мегарданд.

Боби дувуми диссертатсия "Мазмун ва таркиби фаъолияти касбии мутахассисони дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос" номгузорӣ шуда, дар он маълумот оид ба шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён, ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ оварда шудааст.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, таҳқиқоти Ӯзбекова М. А. ба омӯзиши масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими тарҳрезии либос бахшида шуда, муаллиф дар заминаи омӯзиши тадқиқотӣ марбут ба мавзӯъ таъкид менамояд, ки қобилияти эҷодӣ унсури муҳими ҳама гуна навъи фаъолият, аз ҷумла, тарҳрезии либос мебошад. Дар диссертатсия моҳият ва натиҷаҳои кори озмоишӣ ҷиҳати муайян кардан ва баланд бардоштани сатҳи омодагии эҷодии донишҷӯён инъикос гардидаанд, ки дар ҷараёни тарҳрезии либос на танҳо захираи донишу маҳорати махсус, балки мавҷудияти тафаккури образнок ва тахайюли эҷодӣ, тафаккури фазогӣ, ҳофизаи басарӣ ва сифатҳои дигари шахсият низ муҳим мебошанд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани сатҳҳои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар ду

марҳила тест гузаронида шудааст. Ҳамзамон, самтгирии касбии таълими донишҷӯён аз ҳисоби интихоби усулу методҳои таълим тақвият дода шудааст, ки онҳо ба вуҷуд овардани вазъияти муаммоӣ, таҳлили шартҳо ва махсусиятҳои методии супоришҳо оид ба тарҳрезии ҳам ҷузъҳои алоҳидаи либос ва ҳам умуман амсилаҳо, асоснок кардани пайдарҳамии ҳалли онҳо, мустақилона тартиб додани супоришҳо оид ба мавзӯи интихобшуда, табодули афкор, ҷустуҷӯ, тадқиқ, кашфро, ки ташаббуси эҷодии донишҷӯёнро ҳавасманд мегардонанд, дар бар мегиранд.

Таълими озмоишӣ марҳила ба марҳила амалӣ гардида, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳамкорӣ на танҳо ба омодагии касбии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ, балки ба омӯзиши маводи нави таълимӣ оид ба фанни "Тарҳрезии либос" низ таъсири мусбат мерасонад.

Донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ лексияҳои якхеларо гӯш мекарданд, машғулиятҳои амалии онҳо бошанд аз рӯи методикаҳои мухталиф гузаронида мешуданд. Дар ин раванд ба кори мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор диққати калон дода мешуд.

Ғайр аз ин, муносибати мазкур ба инъикоси робита ва таъсири мутақобилаи фанҳои таълимии нақшакашӣ ва низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос имконият дод, ки дар асоси онҳо тарҳрезии либос ба донишҷӯён на танҳо чун фанни таълимии махсус, балки чун фанни умумимаърифатие пешниҳод гардад, ки фарҳанги умумии бадеии онҳоро ташаккул ва иқтидори зеҳниашонро инкишоф медиҳад

Дар марҳилаи аввал гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ бо назардошти тақсими баробар ва сатҳи тақрибан якхелаи ибтидоии омодагии донишҷӯён муайян карда шуданд.

Дар марҳилаи дувум аниқ кардани маҷмӯи шароитҳои педагогӣ пешбинӣ шуда буд, ки ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос ва, дар ниҳоят, ба омӯзиши озмоишӣ бо истифодаи маҷмӯи маводи таълимӣ-методии

“Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос”, “Тарҳрезии либос” ва “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” таъсир мерасонанд.

Марҳилаи севум тасҳеҳи маводи методӣ, дақиқу аниқ кардани шароитҳои педагогӣ, муайян ва муқоиса намудани натиҷаҳои кори озмоишӣ, ба расмият даровардани онҳоро дар намуди тавсияҳои методӣ дарбар мегирад. Маълум аст, ки такя ба аёнияти маводи таълимии мавриди омӯзиш идроку фаҳмиши онро осон мегардонад, имкон медиҳад ба занҷираҳои мухталифи иттилооти нав назари ягона андохта шавад, робитаи байни онҳоро муқаррар менамояд, ба тасаввури образноку коркарди мантиқии мавод ва ба хотираи дарозмуддат гузаронидани он мусоидат карда, қобилияти эҷодии донишҷӯёнро самарабахш ташаккул медиҳад.

Нуқтаи назарраси таҳқиқот бояд зикр гардад, ки дар он дар марҳилаи ниҳоии таълими озмоишӣ донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ кори эҷодиро иҷро карданд, ки он ба муайян намудани сатҳи иштироки эҷодӣ дар раванди иҷрои кор имконият фароҳам овард. Бо ёрии корҳои мазкур додаҳои объективӣ ба даст оварда шуд, ки дар бораи сатҳи ташаккули қобилияти эҷодӣ шаҳодат медиҳанд: амалигардонии таҳлил, синтез ва ҷамъбасти маводи таълимии мавриди омӯзиш; интихоби аломатҳои муҳимми объектҳо ё ҳодисаҳо ва муқаррар кардани робитаи мутақобилаи онҳо; қобилияти амалигардонии фаъолияти ҷустуҷӯӣ дар раванди тарҳрезии маҳсулот; тағйирпазирии тафаккур дар истифодаи тарзҳои қолиби иҷрои кор, ҳалли бадеӣ ва композитсионии он; амалигардонии худназорат ба фаъолияти амалии ба субутрасанда, арзёбии объективии он аз нуқтаи комёбию норасоиҳо мебошад.

Дар охир диссертант Ӯзбекова М.А. ба чунин хулосае меояд, ки маҷмӯи шароитҳои педагогии таҳиягардида, ки муносибати фаъолияти сермаҳсулро ба таълим дар асоси принсипи гуманизатсия пешбинӣ мекунад, воситаи самарабахши фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошад ва он зимнан ҷузъҳои таркибии қобилияти эҷодии онҳоро такмил мекунад ва ташаккул медиҳад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аз тарафи диссертант Ӯзбекова М.А.. вобаста ба мавзӯъ ва қисматҳои асосӣ 29 адад корҳои илмиро ба нашр расонидааст, ки аз он 11 адад мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст. Се маҷмӯи маводи таълимӣ – методии ”Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос”, “Тарҳрезии либос” ва “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” дар асоси талаботи стандарти давлатӣ таҳия гардида, барои донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагии ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ донишҳои заруриро пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ӯзбекова М.А. кори баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст.

Мавриди зикр аст, ки тадқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккул додани қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ буда, тадқиқоти анҷомдода масъалаҳои пешниҳодшударо тасдиқ кардааст ва онҳо дар тадқиқоти илмӣ пурра ҳал карда шуданд.

Мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ, маҷмӯи маводи таълимӣ- методӣ, нишондодҳои методӣ, маводҳои конфронсҳо ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони “Ташаккули қобилияти эҷодии донишкӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос” дар ташаккули соҳаи педагогикаи тоҷик саҳми назаррасе дорад.

Чанд сухан оид ба автореферати диссертатсия оварда мешавад. Автореферати таҳиянамудаи Ӯзбекова М.А. дар ҳақиқат фишурдаи диссертатсия дар мавзӯи “Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос” буда, он фарогири тамоми нуктаҳои дар диссертатсия дарҷгардида мебошад. Автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсия ва автореферати диссертант Ӯзбекова М.А. ба талаботи «Низомнома оиди дарёфти дараҷаи илмӣ»-и Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовор ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000- Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Номзади илмҳои техникӣ,
дотсенти кафедраи дизайн ва меъморӣ
ДПДТТ ба номи академик М. Осимӣ
дар шаҳри Хуҷанд Раҳимова Ҳамрохон Олимовна

“Имзои Раҳимова Ҳамрохон Олимовнаро тасдиқ мекунам”:
Мудири шуъбаи кадрҳои ДПДТТ
ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Ёқубова М.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ 226
Тел. +99292 (3422) 6-04-54